Хулосаи

роҳбари илмӣ Қаюмова Ҳурилиқо Тағайевна ба кори таҳқиқотии унвонҷу Акмалова Малоҳат Абдуллоевна дар мавзуи “Ҳамкории оила муассисаи таълимӣ ва ҷомеа дар роҳнамоии касбии хонандагон”, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз руи ихтисоси 13.00.05 - Назария, методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03- педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ)

Акмалова Малоҳат Абдуллоевна баъди хатми Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Бобоҷон Ғафуров, факултети математика, ихтисоси омӯзгори фанни математика соли 2018 кори таҳқиқотии худро дар мавзӯъи “Ҳамкории оила муассисаи таълимӣ ва ҷомеа дар роҳнамоии касбии хонандагон” ба нақша гирифтааст.

Маврид ба зикр аст, ки роҳнамоии касбӣ ва тарбияи меҳнатӣ ҳамчун категорияи педагогӣ дар интихоби касбу ихтисоси ояндаи онҳо дар асоси майлу қобилияташон ёрӣ расонданро ифода мекунад. Аз муқоисакунии ин се категорияи педагогӣ истилоҳи тарбияи касбмуайянкунии пайдо шуда, маънои васеъро ифода мекунад. Дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ҷумҳурӣ ба роҳнамоии касбӣ барои он эътибор додан лозим аст, ки муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ вазифаи асосии худро дар ин самти тарбия ба уҳда дорад ва аз он чун пештара бояд дар ҷараёни таълим дур нашавад. Аммо дар ташкили касбинтихобкунии хонандагони синну соли гуногун ғояи ахлоқии меҳнат ва моҳияти иҷтимоии он дар ҷои аввал гузошта мешавад.

Акмалова Малоҳат Абдуллоевна дар муддати фаъолияти омӯзгорӣ дар самти таҳқиқи масоили вобаста ба ҳамкории оила, муассисаи тахлимӣ ва ҷомеа дар роҳнамоии касбии хонандагон да муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, умуман дар самти педагогика худро ҳамчун омӯзгор ва муҳаққиқи босалоҳият, масъулятнок ва кордон ҳаматарафа нишон додааст.

Маҳорату малакаҳои илмии Акмалова М.А. дар раванди фаъолияти омӯзгорӣ дар муассисаҳои таълимӣ ташаккул ёфта, дар ин ҷода тасмим гирифтааст, ки роҳи касбии хешро бо корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ пайванд созад. Пажуҳишҳои анҷомдодаи унвонҷӯ натиҷаи таҷрибаи чандинсолаи омӯзгории ӯ дар муассисаҳои таълимии зиннаҳои гуногуни таҳсилот буда, ин таҷрибаи бевоситаи амалӣ ба мавсуф дар таҳия ва иҷрои кори диссертатсионӣ имконоти васеъ ва маводи заруриро фароҳам овардааст.

Акмалова М.А. аз болои мавзӯи таҳқикотии диссертатсиониаш кор карда, худро аз ин ҷиҳат ҳамчун як муҳаққиқӣ мустаъқил, ки кор бо сарчашмаҳои илмӣ,чамъоварӣ,таҳлил, ҷамъбасти маълумот ва бароварани хулосаҳои асосноку муътамадро хеле хуб медонад, нишон додааст.

Устуворӣ ва қобилияти худтанзимкунии раванди таҳқиқот ба М.Акмалова дар анҷом додани таҳқиқоти илмӣ ки ба густариши ҳамкории оила, муассисаи таълимӣ ва ҷомеа дар роҳнамоии касбии хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бешак шароитҳои мусоиди педагогиро фароҳам месозад, ҳаматарафа мусоидат кардааст.

Унвонҷӯ ҳангоми кор аз болои рисолаи номзади теъдоди зиёди маъхазҳои илмӣ-педагогӣ ва санадҳои меъёрӣ ҳуқуқии соҳаи маорифро, ки ба проблемаи таҳқиқот бевосита муносибат доранд, ҷамъоварӣ намуда ва омӯхта тавонистааст. Акмалова М. тавонист дар муносибати нав ба ҳалли проблемаҳои вобаста ба ҳамкории оила, муассисаи таълимӣ ва ҷомеа дар роҳнамоии касбии хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумиро ошкор созад. Натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионии унвонҷӯ фарзияҳои назариявӣ ва муқароротӣ дар диссертатсия ироакардаи ӯро тасдиқ менамояд.

Муқаррароти асосӣ, натиҷа ва хулосаҳои таҳқиқотӣ диссертатсионии довталаби дараҷаи илмӣ дар нашрияҳои илмии тақризшаванда аз ҷонибӣ Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикоси худро ёфта, дар конференсияҳои илмию амалӣ ва семинару мизҳои мудаввар ироа ва тасвиб шудаанд.

Хулоса ва тавсияҳои назариявии таҳқиқотии диссертатсионии Акмалова М.А.мантиқан аз муътавои асосии кори таҳқиқотии мавсуф бар меоянд, ки мазмуни умумии диссертатсия дар автореферат инъикос гардидааст.

Акмалова М.А., ҳамчун унвонҷӯ дар баробари корҳои илмӣ – тадқиқотӣ дар фаъолияти илмии Пажуҳишгоҳи рушди маорифи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон фаъолона иштирок намуда, худро ҳамчун муҳаққиқи дорои донишу салоҳиятҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ҳамаҷониба нишон додааст.

Ҳамчун роҳбари илмӣ комилан итминон дорам, ки Акмалова М.А. ҳангоми кор аз болои пажуҳиши рисолаи номзадиаш таҷрибаи илмии худро ғаннӣ гардонидааст ва муҳимтар аз ҳама, сифатҳои шахсӣ, касбӣ ва таҳқиқотӣ, ки дар ӯ зуҳур кардаанд, дар оянда ҳам дар фаъолияти илмӣ ва ҳам касбиаш таъсири мусбат хоҳанд расонд.

Дар маҷмуъ муҳаққиқ Акмалова Малоҳатро метавон ҳамчун мутахассиси дорои салоҳиятҳои илмӣ, педагогӣ арзёбӣ ва тавсиф кард, ки қодир аст, мустақилона аз уҳдаи иҷро ва ҳаллӣ супоришу вазифаҳои дар наздаш гузошта шуда бароя д.

Ҳамчун роҳбари илмии унвонҷӯ таҳқиқоти диссертатсионии Акмалова Малоҳатро мусбат ва ҳамчун таҳқиқоти пурра анҷомёфта арзёбӣ намуда, онро ба муҳокима ва дифоъ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.05 - Назария, методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03- педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) тавсия менамоям.

Роҳбари илмӣ, номзади илмҳои
педагогӣ, муовини директор оид ба
корҳои тарбиявии Коллеҷи
омӯзгории ба номи Хосият
Махсумоваи ДДОТ ба номи С. Айнӣ Ҳ.Т. Қаюмова

Имзои Ҳ.Т. Қаюмоваро тасдиқ мекунам:

Мудири шуъбаи кадрҳо ва
корҳои махсуси Коллеҷи омӯзгории
ба номи Хосият Махсумоваи
ДДОТ ба номи С.Айнӣ Ш.М.Наҷмуддинов